**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-019 – и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗ

**Ба рисолаи илмии Саидзода Абдулмаҷид Муминҷон дар мавзуи: «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ.**

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои у ҳамчун арзиши олӣ эътироф гардида, ба ҳимояи ҳамаҷонибаи хуқуқи ҷиноятӣ, дар заминаӣ қонунгузории ҷиноятӣ таъмин карда шудаанд. Дар замони муосир қонунгузории ҷиноятӣ ба сифати яке аз воситаҳои муҳимми танзимсозандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ баромад намуда, манфиатҳои шахси, ҷомеа ва давлатро аз таҷовузҳои ҷинояткорона ҳифз менамояд. Бо дарназардошти ин, бесабаб нест, ки ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз таҷовузҳои ҷиноятӣ дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар мадди аввал гузошта шудааст. Дар баробари ин, рушд ва инкишофи кафолати фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ ва баробарҳуқуқии иқтисодӣ дар кишвар ба созмон додани асосҳои иқтисодиёти миллии пешрафта мусоидат менамояд, ки ин раванд, кишвари моро ба шоҳроҳи пешрафту тараққиёти соҳаҳои гуногун равона сохта, барои таъмини ҳадафҳои давлати иҷтимоӣ замина мегузорад.

Рисолаи номзадии унвонҷу Саидзода Абдулмаҷид Муминҷон дар мавзуи: «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ» бахшида шудааст, яке аз масъалаҳои хеле печидаву мураккаби илми ҳуқуқшиносӣ, ба ҳисоб меравад.

Муаллиф дуруст зикр мекунад, ки ислоҳоти асосие, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат гирифт, ба таҷдиди низоми сиёсӣ алоқаманд

буда, пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ аз ҷониби кишвари мо сурат гирифт. Азнавсозии низоми сиёсӣ боиси дигаргуниҳои бисёр соҳаҳои ҳаёти аҳолӣ гардид, ки яке аз ин соҳаи муносибатҳои моликият ба ҳисоб меравад. Тоҷикистон аз сиёсати басташавӣ даст кашида, дар ҳама самт ба сиёсати дарҳои боз гузашт. Қонунгузории муосир кафолати фаъолияти озоди иқтисодиро фароҳам овард, ҳамаи ин аз инкишофи ҷамъияти нав дар Тоҷикистон шаҳодат медиҳад. Аммо ҳар як тағйироти мушаххас оқибатҳои муайяни ҳуқуқӣ дорад, оқибатҳои ин ислоҳот дар он зоҳир мешаванд, ки бо дарназардошти зиёд шудани моликияти хусусӣ дар ҷомеа ҷиноятҳои зидди моликият хеле зиёд шудаанд. Мавзуи ҷавобгарии ҷиноӣ барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифода аз боварӣ дар заминаи ҳифзи тартиботи ҳуқуқӣ ва ҳифзи манфиатҳои ҷамъиятӣ муҳим арзёбӣ мешавад.

Дар доираи зербоби дуюми боби якум дар автореферат «Қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ» баррасӣ гардидааст. Дар ин зербоб муаллиф қайд менамояд, ки омузиши таҷрибаи кишварҳои хориҷӣ паҳлуҳои нави масъалаи баррасишавандаро боз намуда, имкон медиҳад, ки ҳуқуқи кишвари худ беҳтар дарк карда шавад, чунки хусусиятҳои хоси ин ҳуқуқ, махсусан ҳангоми муқоиса намудан бо низомҳои кишварҳои хориҷӣ ба таври равшану возеҳ ошкор мегарданд. Муаллиф дар таҳлили ин зербоб ба давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил мушахас таваҷуҳ зоҳир накардааст, шояд дар матни диссертатсия онҳо мавҷуд бошанд. Аз ин рӯ ба муаллиф зарур меояд, ки оид ба ин масъала фикру ақидаҳои худро иброз намояд. Гуфтаҳои болозикр ба мазмуну моҳияти диссертатсияи муаллиф костагӣ ва духурагиро ба миён наоварда, баръакс василаи пурра ва мустаҳкам намудани онро ифода менамояд.

Дар маҷмуъ диссертатсияи мазкур таҳқиқоти анҷомёфта ба ҳисоб рафта, норасогиҳои дар боло зикршуда арзиши илмии онро кам карда наметавонанд. Хулоса, рисолаи диссертатсионии Саидзода Абдулмаҷид

Муминҷон дар мавзуи: «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарари молу мулкӣ бо роҳи фиреб ё сӯиистифодаи боварӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ,бо рузмаррагӣ ва навгониҳои худ афзалият пайдо намуда, ба талаботҳо оид ба корҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08

Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ мебошад, тақризи мазкур ба талаботи банди 71-72-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Кдрори Ҳукумати Чумхурии Точикистон аз 30- уми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

**И.в. профессори кафедраи ҳуқуқи**
**Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва**
**соҳибкории Тоҷикистон,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ** **У. А. Меликов**

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва**
**соҳибкории Тоҷикистон,**
**734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе, куч. Борбад 48/5**
**Тел.: 555551494**

**«Имзои У. А. Меликовро тасдиқ мекунам»**
**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси ДБССТ** **Ҷураев Ш. Н.**

18 апрели 20